# ТОҶИКИСТОН

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳои сулҳомез, анҷуман ва изҳори ақидаҳо боз ҳам бештар маҳдуд шуданд. Мақомот таъқиби ҳомиёни ҳуқуқи башар, рӯзноманигорони мустақил, блогнависон ва дигар мухолифонро барои боздошт ва ҳабси  худсарона ва зиндон пас аз муҳокимаҳои ноодилона идома доданд. Саркӯби аъмоли динии исмоилиҳо пурзӯр шуданд. Шиканҷа ва дигар намуди бадрафториҳо ҳоло ҳам маъмуланд. Табъиз ва ба ҳошия рондани ҷамоатҳои помирӣ ва ҷамоатҳои рома / ҷугӣ идома ёфтанд.**

## ЗАМИНА

Дар натиҷаи бархӯрдҳои солҳои 2021 ва 2022 марз бо Қирғизистон баста шуд. Қатъи густурдаи барқ дар минтақаҳои гуногун ва болоравии нархҳо ҳамчунон нигаронии ҷиддии мардумро ба бор овардааст. Ба гурӯҳҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ворид шудан ба Тоҷикистон ҳанӯз ҳам манъ карда шуда буд. Ин ва инчунин саркӯбии шадиди нозирони маҳаллӣ барои риояи ҳуқуқи башар ҷамъоварии маълумотро хеле душвор кард.

## ОЗОДИИ БАЁН

Чанде аз расонаҳои мустақили боқимонда, ҳомиёни ҳуқуқи башар ва блогнависон маҷбур шуданд, ки худсензура кунанд ё дар хатари таъқиби сиёсӣ қарор гиранд.

Мақомот ба саркӯбии расонаҳои мустақил, ки ҳукуматро танқид мекарданд, идома доданд. Дар моҳи июл портали хабарии Pamir Daily News ва вебсайти New Tajikistan 2, ки бо мухолифини худсарона манъшудаи Гуруҳи 24 алоқаманд буд, ҳамчун "ташкилотҳои экстремистӣ" манъ карда шуданд. Ин барчасп маънии хатари ҷавобгарии ҷиноятиро барои шахсони дохили Тоҷикистон, ки бо чунин расонаҳо ҳамкорӣ мекунанд, дар назар дорад.

Дар 26 моҳи май Хуршед Фозилов, рӯзноманигоре, ки мушкилоти иҷтимоиро дар водии Зерафшон гузориш дода буд, пас аз як муҳокимаи пӯшидаи судӣ, ки дар боздоштгоҳи тафтишотӣ баргузор шуд, ба иттиҳоми иштирок дар фаъолиятҳои созмонҳои маъншуда, ба ҳафт соли зиндон маҳкум шуд.

Мухолифони бадарғашуда низ аз тариқи тарсонидани оилаҳояшон дар Тоҷикистон ҳадаф қарор гирифтанд. Хабарнигорон Анора Саркорова ва Рустами Ҷонӣ, ки дар бораи нақзи ҳуқуқи башар хабар доданд, пас аз он ки хешовандони онҳо бо паёмҳои таҳдидомез, бо парвандаҳои ҷиноӣ таҳдид ва бозҷӯи рӯ ба рӯ шуданд, зери фишор қарор гирифтанд.

## ОЗОДИИ ҶАМЪОМАД

Пас аз саркӯбии ваҳшиёнаи тазоҳургарон дар ноҳияи Рӯшони вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) дар моҳи майи соли 2022 дар бораи ҳеҷ тазоҳуроти калони эътирозӣ хабар дода нашуд аст. Гуфта мешавад, ки дар солгарди аввали ин саркӯбҳо, мақомот маҷлисҳои оммавиро қатъ карданд ва фаъолиятҳои онлайнии мардумро ба хотири қурбониён пайгирӣ кардаанд. Наздикони аъзои диаспораи мухолифин, ки дар хориҷа аз кишвар эътироз мекарданд, низ мавриди интиқому фишор қарор гирифтаанд. Бар асоси гузориши Дидбони Ҳуқуқи Башар Human Rights Watch, тақрибан 50 узви хонавода дар Тоҷикистон, пас аз он ки хешовандонашон ҳангоми сафари Президент Эмомалӣ Раҳмон ба Олмон дар Моҳи сентябр эътироз карданд, боздошт ва бозпурсӣ шудаанд. Гуфта мешавад, ки мақомоти амниятии Тоҷикистон низ хонаводаҳои фаъолони

табъидшударо, ки ба ихроҷи Абдуллоҳ Шамсиддин (идомаи матлабро бинед) эътироз мекарданд, дар Тоҷикистон тарсонда, ба онҳо фишор овардаанд.

## ОЗОДИИ АНҶУМАН

Шароити фаъолияти созмонҳои ғайридавлатӣ (NGO) қатъиян маҳдудкунанда боқӣ монд. Пас аз саркӯб дар ВМКБ панҷ созмони ғайридавлатӣ бо қарори судӣ барои робитаҳои эҳтимолии онҳо бо 'гурӯҳҳои ҷиноятӣ' баста шуданд. Дар байни онҳо Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Помир буд, ки директори он, ҳуқуқшинос ва ҳомии ҳуқуқи башар Манучеҳр Холиқназаров, пас аз мурофиаи ноодилона дар соли 2022 ба 16 соли зиндон маҳкум шуд.[1] Садҳо созмонҳои ғайрирасмӣ дар саросари кишвар аз ҷониби мақомоти амниятӣ ё мақомот ба таври ғайрирасмӣ маҷбур карда шуданд, ки фаъолияти худро "ихтиёрӣ" боздоранд ё худро пароканда кунанд. Мақомот ҳамчунин созмонҳои ғайрирасмиро дар ВМКБ ҳамчун гурӯҳҳои ҷиноӣ бадном карданд.

## ОЗОДИИ ДИН ВА ЭЪТИҚОД

Дар моҳи апрел президент Раҳмон фармонеро имзо кард, ки ба мақомот имкон дод, ки ҷасадҳои шахсони дар ҷараёни "амалиети зиддитеррористӣ" кушташударо дар қабрҳои бе ному, дар ҷойҳои интихобкардаи давлат, ба хешовандон хабар надода, бе риояи расму оинҳои динӣ, дафн кунанд.

Тақвияти саркӯби аъмоли динии исмоилиҳо, ақаллияти динӣ аз ГБАО, ки соли 2022 бо тахриб кардани рамзҳои динӣ, бастани ҷойҳои ибодат ва манъи ҷашнҳои динӣ суръат гирифт, афзоиш ёфт. Мақомот барои намози дастаҷамъӣ дар хонаҳои хусусӣ ҷазоро идома дода, омӯзгорони диниро таҳдид кардаанд, адабиети таълими динии исмоилиро мусодира мекунанд ва ба гуфтаи хабаргузориҳо, кӯшиш мекунанд, ки таҷрибаҳои мушаххаси динии исмоилиёнро бо амалияҳое иваз кунанд, ки аксари мусулмонони суннӣ риоя мекунанд.

## БОЗДОШТҲОИ ХУДСАРОНА ВА МУҲОКИМАҲОИ НООДИЛОНА

Боздоштҳои худсарона ва мурофиаҳои ноодилонаи судӣ ҳамчунон боқӣ монданд. Дар 23 январ чандин равиши махсуси Шӯрои ҳуқуқи башари СММ (UN Human Rights Council) аз таърифи аз ҳад зиёди созмонҳои террористӣ дар қонунгузории Тоҷикистон изҳори нигаронӣ карданд. Айбдоркуниҳои марбут ба терроризми эҳтимолӣ, истифодаи салоҳиятҳои истисноӣ, чораҳои фавқулодда ва маҳдудиятҳоро нисбати тартиби дурусти ҳуқуқӣ имконпазир карданд.

Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки аз ҷониби мақомоти хориҷӣ таъқиб ва маҷбуран ба Тоҷикистон баргардонида шудаанд, пас аз муҳокимаҳои ноодилонаи судӣ ба зиндони шудан рӯ ба рӯ шудаанд. Дар18 январ Олмон Абдуллоҳ Шамсиддини муҳоҷирро, ки бо чанд раҳбари Ҳизби худсарона манъшудаи Наҳзати Исломии Тоҷикистон робитаи зич дошт, ихроҷ кард. Ба гуфтаи манбаъҳои ғайрирасмӣ, пас аз вуруд ба Тоҷикистон ӯ ба таври маҷбурӣ 'нопадид шуд' ва аз ҷониби кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар камераи яккаву танҳо нигоҳдори шуд. Дар 29 март додгоҳ дар пойтахти кишвар, Душанбе, дар муҳокимаи пӯшидаи судӣ Абдуллоҳ Шамсиддинро барои "даъватҳои оммавӣ ба тағйири хушунатомези низоми конститутсионӣ" ба ҳафт соли зиндон маҳкум кард.[2]

Моҳи июл мӯҳлати зиндони вакили ҳуқуқи башар Бузургмеҳр Ёров ба муддати10 сол тамдид карда шуд. Ҳукми ӯ, ки соли 2016 оғоз шуда буд ва барои 28 сол зиндонӣ шуданаш бо иттиҳомоти сохта барои дифоъ аз аъзои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, ки бе далел мамнӯъ гардида буд, қаблан 10 сол кам карда шуда буд.

Дар 29 сентябр Низомиддин Насриддинов, фаъоле, ки бо гурӯҳи манъшудаи "24" ҳамкорӣ мекард, пас аз он ки дар 8 январ Беларус ӯро маҷбуран ба Тоҷикистон баргардонд, бо иттиҳоми шабеҳ ба ҳаштуним соли зиндон маҳкум шуд. На дар ин маврид ва на дар мавриди дар боло зикршуда маълумоти расмӣ дар бораи муҳокимаҳои судӣ нашр нашудааст.

## ШИКАНҶА ВА ДИГАР НАМУДИ БАДРАФТОРИҲО

Шиканҷа ва дигар намудҳои сӯиистифода ҳоло ҳам маъмуланд. Гуфта мешавад, ки онҳо аз ҷониби мақомоти гуногуни амниятӣ, аз ҷумла кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва ба истилоҳ департаменти Шашуми Вазорати корҳои дохилӣ ҳамчун воситаи ба даст овардани “эътироф” ва бадном кардани шахсони дигар истифода шудаанд. Равишҳои мавриди истифода аз халондани сӯзан дар зери нохунҳо, зарбаҳои барқӣ, латукӯб, зӯроварии ҷинсӣ, маҳрум сохтан аз хоб, хаффа кардан бо халтаҳои пластикӣ ва истифодаи сӯзандоруи маводи мухаддир, иборатанд.

Абдуқахор Розиков дар 2 январ дар боздоштгоҳи полиси Шаҳри Кӯлоб вафот кард. Марги ӯ ба таври васеъ ба шиканҷа мансуб дониста шуд ва ин иттиҳом бо аксҳо ва наворҳои бадани ӯ тасдиқ карда шуд. Ҳамчун як иқдоми нодир барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон, се корманди собиқи полис рӯзи 25 июл ба далели даст доштан дар марги ӯ ба 14 соли зиндон маҳкум шуданд.

Маҳбусон дар бораи бадррафториҳо, аз ҷумла латукӯб, адами дастрасӣ ба ғизо ва об, шароити хунук ва намии камераҳо гузориш доданд. Гуфта мешавад, ки бисере аз зиндониён бидуни дарёфти табобати дуруст аз сил азият мекашиданд.

## ТАБЪИЗ

### ПАМИРИҲО

Дар моҳи апрел, кумитаи CERD (КЛРД)  аз ба ҳошия рондан  ва табъиз нисбати памириҳо, ақаллияти этникӣ ва динӣ, ки асосан дар ВМКБ зиндагӣ мекунанд, изҳори нигаронӣ кард. Гарчанде, ки Тоҷикистон дар Соли 2022 қонун дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъизро қабул кард, памирҳо аз ҷониби қонунгузорӣ ҳимоя карда нашуданд, зеро мақомот рад карданд, ки онҳо аз ҷиҳати этникӣ е забонӣ гурӯҳи фарққкунанда мебошанд. Мақомот ассимилятсияи маҷбурии помириҳоро идома дода, истифодаи забонҳои памирӣ ва тасдиқи ҳувияти памирро дар муассисаҳои давлатӣ, мактабҳо, воситаҳои ахбори омма, намоишҳои бадеӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ саркӯб карданд.

### РОМА / ҶУГИҲО

Кумитаи CERD  (КЛРД)  инчунин зарурати стратегияи ҳамаҷонибаи мубориза бо ба ҳошия рондан ва ғаразҳои расонаҳоро нисбати ҷомеаи рома/ҷугиҳо таъкид кард. Табъизи сохторӣ махсусан дар соҳаи омӯзиш ва парквариш  бо фарогирии пасти ром/ҷугиҳо дар таълими мактабӣ аён буд.

## ҲУҚУҚ БА МУҲИТИ СОЛИМ

Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои обу ҳавои худ ба кӯмаки молиявии байналмилалӣ такя мекард ва лоиҳаҳои дастгирии мутобиқшавӣ ба тағиребии обу ҳаво асосан аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешуданд. Дар моҳи август, Бонки Ҷаҳонӣ мушкилоти назарраси саломатӣ ва талафоти иқтисодиро, ки аз ифлосшавии ҳаво ба вуҷуд омадаанд, қайд кард, ки ин боиси марги 78 нафар аз ҳар 100 000 нафар аҳолӣ гардид.

---

[1] “Тоҷикистон: Аъзоёни барҷастаи ақаллияти помирӣ беасос боздошт, шиканҷа ва бидуни адолат маҳкум шуданд”, 21 сентябр
[2] "Тоҷикистон: мухолифи тоҷик депорт ва маҳкум: Абдуллоҳи Шамсиддин", 11 апрел